«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор ____________ Назарзода Х.Х.
«23» ____11____ соли 2023

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

**Диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.**

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (*дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон*)» дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Одинаев Аслам Мадгиёевич, 06 январи соли 1975 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Солҳои 1991-1995 Донишкадаи техникии ш. Хуҷандро бо ихтисоси муҳандис-технолог хатм намудааст.

Солҳои 2007-2010 донишҷӯи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Соли 2010 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодчӣ хатм кардааст.

Солҳои 1998-2000 корманди шуъбаи тиҷоратии ҶС “Хуросон инвест”, ноҳияи Ҳамадонӣ.

Солҳои 2000-2001 сардори шуъбаи муассисаҳои статсионерии Вазорати ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон, ш. Душанбе.

Аз соли 2005 то моҳи майи соли 2023 сармуҳосиби муҳосиботи марказонидашудаи идораи маорифи ш. Душанбе.

Аз августи соли 2023 то имрӯз иқтисодчӣ ва омӯзгори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Аз соли 2019 то ҳол унвонҷӯйи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ аз 12 марти соли 2019, қарори 9 тасдиқ гардидааст. Роҳбари

илмӣ: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич таъин гардидааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст.

Имтиҳонҳо аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) (30.10. 2020)бо баҳои 4 (хуб), аз фанни таърихи фалсафаи илм(14.04.2023) бо баҳои 4 (хуб) ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос 02.06.2023 бо баҳои 4(хуб) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич таъин гардидааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Мавзуи кори диссертатсионии Одинаев Аслам Мадгиёевич дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 12 марти соли 2019, қарори 9 тасдиқ гардидааст.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

### 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити муосири рушди иқтисодӣ дарк намудани нақши асосии сармояи инсонӣ муҳим аст. Сабаби ин нақш дар он аст, ки имкониятҳои ба кор андохтани тамоми захираҳо бепоён нестанд. Ягона захирае, ки имкониятҳои истифодаи оқилонаи он амалан номаҳдуд аст, ин қобилиятҳои истеҳсолии одамон мебошад, ки дар шароити муосир дар шакли сармояи инсонӣ амалӣ мегарданд, ки қисми зиёди он “фарсуда шудааст”, манбаъҳо ва захирахои иваз ва андӯхти онҳо вуҷуд надоранд. Дар ин шароит сармояи инсонӣ дар муқоиса бо сармояи моддӣ сарвати бештари истеҳсолӣ маҳсуб мешавад. Дар баробари ин, ҳам дараҷаи тайёрии сохибкорон ва ҳам нақши давлатро, ки муҳимтарин омили самарабахшии муносибатҳои бозорӣ мебошад, баланд бардоштан лозим аст. Барои мутобиқ шудан ба шароити зудтағйирёбанда ва ҷаҳоне, ки нақши иттилоот, дониш ва малакаҳоро таъкид мекунад, кишварҳо бояд сифати умумии қувваи кориро пайваста нав кунанд. Дар ин ҷо нақши асосӣ ба давлат тааллуқ дорад. Сохтани амсилаҳои назариявии рушди иқтисодӣ бо ҷалби сармояи инсонӣ ба онҳо нуқтаи ибтидоии таъсиси сохторҳои дастгирии сиёсати давлатӣ мебошад.

Рисола бо забони илмӣ навишта шудааст, таҳқиқоти тахассусии ба анҷом расонидашударо ифода менамояд, мақсади кор ба даст омадааст, масъалаҳо дар мувофиқат ба услубҳои интихобшуда ҳал гардидаанд, хулосаҳо ва пешниҳодҳо асоснок карда шуданд.

**2.Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои диссертатсия**

Кори диссертатсионии Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**3.Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои гузариши соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба таъмини низоми кадрӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 робита дорад.

Кори диссертатсионии Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (*дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон*)» ба масоили мубрами рушди сармояи инсонӣ бахшида шудааст. Марҳилаи нави рушди иқтисоди Тоҷикистон бештар бо рушд ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ алоқаманд аст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 рушди сармояи инсонӣ омили асосии рушди устувор дониста шудааст, ки самаранокии он бояд саривақтӣ ва самаранокии татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намояд.

**4. Навгонии илмии таҳқиқот**

Дар асоснок намудани муқаррароти назариявии такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати омода намудани кадрҳои дорои тавонмандиҳои инноватсионӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Аҳамияти назариявии натичаҳои тадқиқотро инкишофи назарияи сармояи инсонӣ дар шароити рушди иқтисодиёти инноватсионӣ, татбиқи он дар минтақаҳое, ки теъдоди захираҳои меҳнатиашон зиёд мебошад, муайян менамояд. Муқаррароти алоҳидаи натоиҷи тадқиқот асосҳои назариявии

иқтисодиёт меҳнатро бо таваҷҷуҳ ба коркарди моделҳои муосири омодасозии кадрҳои дорои тавонмандии инноватсионӣ пурратар менамояд.

Натиҷаҳои тадқиқоти илмиро ҳангоми коркард ва татбиқи стратегияи миллии рушди сармояи инсонӣ, танзими рушди мутавозини низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат, танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва амсоли он метавон истифода бурд. Натиҷаҳои тадқиқотро инчунин хангоми хондани курсҳои «Назарияи сармояи инсонӣ», «Иқтисоди меҳнат» ва «Идоракунии захираҳои меҳнатӣ», “Иқтисодиёти навоварона” истифода бурдан мумкин аст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд:

- ҷамъбандии мафҳуми сармояи инсонӣ аз дидгоҳи нав, ки аҳамияти унсури тавонмандии инноватсиониро дар таркиби унсурҳои дигари сармояи инсонӣ баровардашуда аз сиёсати ҳадафмандонаи сармоягузории давлатии ташаккули муҳити инноватсионии бозтавлид ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, таъриф менамояд;
- модели мафҳумии муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ, ки алоқамандии ниҳодҳои мухталифи ташаккули сармояи инсониро дар заминаи таҳаввулоти сифатии як муҳит аз муҳити дигар ва ботадриҷ сифатан рушд намудани сармояи инсонии миллӣ ифода мекунад;
- модели риёзии таҳлили институтсионалии омилҳои ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон, ки таъсири калидии омилҳои сохториро дар низоми ниҳодҳои баррасишавандаи ташаккули сармояи инсонӣ собит менамояд;
- муҳосибаи арзиши сармояи инсонӣ дар ширкатҳо, ки нақши рушди мутавозини бозори меҳнат ва низоми таҳсилоти олиро дар раванди арзишафзоии сармояи инсонии ширкатҳо нишон медиҳад;
- маҷмуи тавсияҳо ҷиҳати танзими оқилонаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва коҳиши раванди “фирори мағзҳо”, ки ҷиҳати таваҷҷуҳи бештар намудан ба густариши ҷараёни “гардиши мағзҳо” ва дар заминаи он мусоидат намудан ба рушди равандҳои инноватсионӣ дар кишвар, таъқид менамояд.

**5. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 8 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

***А). Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:***

1. Концептуальная модель формирования стратегической стоимости человеческого капитала/Одинаев А.М., Маджидова Ф.А.//Азимут научных исследований: экономика и управление. – Тольятти, 2021. - т. 9. № 1(30). - С.256-260.
2. Международное сотрудничество в сфере образования и науки и проблемы развития национального человеческого капитала//Ходиев Д.А., Одинаев А.М./Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «СИНО», 2018. - № 6. Ч.1. – С. 15-24.
3. Сармояи инсонӣ дар низоми омилҳои рушди иқтисодӣ /Одинаев А.М.//Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2022. - 4/2 (34). - С.195-203.
4. Таҳлили омилҳои сохторӣ, рафторӣ ва ниҳодии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон/Одинаев А.М.//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. - № 4/1(49). – С.197-205.

***Б). Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конференсия*:**

5. Анализ системы образования Республики Таджикистан в контексте развития человеческого капитала/Одинаев А.М.// Состояние и перспективы развития потребительского рынка РТ/Материалы международной научно-практической конференции (23-24 сентября 2022 г.) – Душанбе, 2022. - С.43-48.
6. Развитие человеческого капитала на основе совершенствования взаимодействия государства и образовательной системы/Одинаев А.М.//Проблемы развития менеджмента и маркетинга в условиях цифровой экономики/Материалы республиканской научно-практической конференции (Душанбе, 22 ноября). – Душанбе, 2022. – С.211-217.
7. Нақши муҳоҷирати меҳнатӣ дар ташаккули сармояи инсонӣ/Одинаев А.М.//Саноаткунонии иқтисоди миллӣ: ҳолати кунунӣ, муаммоҳо ва дурнамои рушд/ Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 2 майи соли 2023). - Душанбе, Матбааи ДМТ, 2023. - С.470-477.
8. Тамоюли рушди таҳсилоти олии касб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилоти такрористеҳсоли сармояи инсонӣ/Одинаев А.М.// Бехатарии иқтисоди миллӣ: имконият҃ҳои рушд ва масоили иқтисоди рақамӣ/ Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 31 - уми октябри соли 2023). - Душанбе, Матбааи ДМТ, 2023 - С.375-379.
9. Баҳогузории муҳити инноватсионии инкишофи сармояи инсонӣ дар ҶТ /Одинаев А.М.//Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 6-уми майи соли 2023). – Душанбе, ДДМИТ, 2023. – С.549-552.
10. Хусусиятҳои рушди муҳити институтсионалӣ-инноватсионии ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт/Одинаев А.М.// Методологияи арзёбӣ ва амсиласозии ҷанбаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ

ва минтақавӣ/Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ (ш. Душанбе, 24 ноябри соли 2023). – Душанбе, ДДМИТ, 2023. – С.122-128.

### 6. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин натичаҳои тадқиқоти илмиро ҳангоми коркард ва татбиқи статегияи миллии рушди сармояи инсонӣ, танзими рушди мутавозини низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат, танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва амсоли он метавон истифода бурд.

### 7. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсадҳои предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои рушди сармояи инсонӣ бо таваҷҷӯҳ ба такмили механизми сармоягузории он имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

### Қарори ҷаласаи кафедра

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат тақризи роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳодиев Д.А.; баромади доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Саидова М.Х. баромади аъзоёни даъватшудаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон: д.и.и., профессор Раҷабов Р.К., д.и.и., профессор Дустбоев Ш., д.и.и., профессор Ҷабборов А. дар асоси овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич

**қарор мекунад:**

Диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | -17 нафар |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2023, протоколи № 4 қабул шудааст.

**Раис:**
**мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинг, н.и.и., дотсент** **Мирзоалиев А.А.**

**Котиб:**
**н.и.и., и.в. дотсент** **Марупова Н.Ш.**

**Суроғаи донишгох:**Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе, Деҳотӣ, ½
Саҳифаи интернетӣ: www.ddtt.tj
Телефон: (992 372) 348346
(Факс): (992372) 348546
E-mail:tguk@mail.ru

Имзои **Мирзоалиев А.А. ва Марупова Н.Ш**-ро тасдиқ менамоям

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**